Соли нави хонишро хайати устодону курсантони Литсейи харбии Вазорати мудофиа имсол дар собик бинои Академия Вазорати корхои дохилӣ огоз намуданд.

Бахшида ба ин сана бо иштироки устодону толибилмон ва хайати рохбарии Вазорати мудофиа дар ин муассисаи таълимии харбӣ низ чорабинии тантанавӣ баргузор гардид.Нахуст сардори Ситоди генералӣ, муовини якуми вазири мудофиа курсантони ин муассисаи таълимиро бо огози соли нави хониш табрику муборакбод намуда, илму дошишро рахнамои хамешагии хар як фард дар зиндагӣ донист ва таъкид намуд, ки хеч як бахши  фаъолияти хаёти инсониро бе омӯзиши илмхои замона ва техникаи хозиразамон  тассавур кардан гйриимкон аст. Хамзамон аз онхо даъват намуд, ки чун мухофизони фардои Ватан дар рохи интихобкардаи худ собиткадам ва  бахри омӯзиши нозукихои сохаи низомӣ хамеша дар талош бошанд.

Бояд гуфт, ки хамасола дар рӯзи аввали соли нави хониш дар тамоми муассисахои таълимии оливу миёнаи кишвар дарси сулх гузаронида мешавад. Вокеан сулх хамчун бузургтарин сармояи маънавии чахон барои мардуми сайёра беш аз харвакта мухиму мубрам гаштааст. Махз бо назардошти хамин мухимияту рӯзмарагӣ ин мавзӯъ дар рӯзи якуми соли нави хониш  матрах мешавад.  Мардуми шарифи точик имрӯз арзиши сулху оромӣ ва суботи сиёсиро дакикан дарк намуда,  мехоханд насли оядаи миллатро дар рӯхияи эхтиром ба арзишхои умуминсонӣ ва пос доштани мукаддасоти миллӣ тарбия намоянд.